# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2022

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

**Шарҳи вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар семоҳаи сеюми соли 2022**

Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (Хазина) фаъолияти худро дар семоҳаи сеюми соли 2022 баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи таъмини пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар идома дод.

***Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.*** Ба ҳолати 30 сентябри соли 2022 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 30 адад ташкилоти қарзӣ шомил мебошад, ки аз он 12 ададро бонкҳо ва 18 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ташкил медиҳанд.

**Ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (бо адад)**

| Номгӯи ташкилоти қарзӣ | 30.09.2021 | 30.09.2022 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 12 | 12 | 0 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 17 | 18 | +1 |
| **Ҳамагӣ** | **29** | **30** | **+1** |

***Пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он.*** Дар семоҳаи сеюм соли ҷорӣ ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби Хазина суғурта мешаванд, раванди афзоиши назаррас дошт. Ба ҳолати 30 сентябри соли 2022 ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ 4 320,1 млн. сомониро ташкил дода, шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ба 1 210,7 ҳазор нафар расид. Дар муқоиса ба интиҳои семоҳаи дуюми соли равон ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда 15,5 фоиз ва шумораи пасандоздорони суғурташуда 29,9 фоиз афзуд. Нисбат ба ҳамин даври соли гузашта бошад, ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда 1,5 маротиба ва шумораи пасандоздорони суғурташуда 1,8 маротиба зиёд гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши ҷалби пасандозҳои аҳолӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ асосан бо пули миллӣ бо сабабҳои зерин, аз ҷумла рушди фаъолнокии иқтисодиёт, устувории қурби пули миллӣ,

баркарорёбии фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва эътимоди аҳолӣ ба он бо назардошти мунтазам бозгаштани маблағҳои накдии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, балоравии меъёри бозтамвил ва сатҳи фоизҳо аз рӯи пасандозҳои мухлаташон нисбатан дароз, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", инчунин қисман аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ кушодани суратҳисобҳои амонатӣ ва зиёдшавии талабот ба кортҳои пардохтӣ алоқамандӣ дошта, сабаби зиёдшавии пасандоздорони суғурташуда гаштаанд.

**Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ (млн. сомонӣ)**




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда (ҳаз. нафар)**



Бояд қайд намуд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст. Бо назардошти оне, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022“ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 1 январи соли 2022 ба андозаи 64 сомонӣ муқаррар карда шуд, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ 32 000 сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 22 400 сомониро ташкил дод.










Таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда маблағи 98,1 фоиз дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон – 1,9 фоиз, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман ҷуброн карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шудани 98,1 фоизи пасандоздорон нишондиҳандаи баландтарин дар

таърихи Хазина буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

Аз рӯи сохтори асъорӣ раванди дедолларикунонии пасандозҳо идома ёфта, маблағи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ бо пули миллӣ 67,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 32,5 фоизро ташкил дод (нишондиҳандаҳои мазкур дар ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан бо пули миллӣ 58 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 42 фоизро ташкил медод). Ҳамзамон, аз шумораи умумии пасандоздорон маблағи 94,3 фоизи пасандоздорон бо пули миллӣ ва 5,7 фоизи боқимондаи онҳо бо асъори хориҷӣ мебошад.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда шахсони воқеӣ (млрд. сомонӣ ва бо фоиз)**




Вобаста ба афзоиши назарраси суратҳисобҳои пасандозӣ ҳам аз рӯи ҳаҷм ва ҳам аз рӯи шумора, ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина низ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда зиёд гардиданд. Аз ҷумла, ба санаи 30 сентябри соли 2022 ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина маблағи 2 055,2 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи дуюми соли ҷорӣ 21,1 фоиз ва ҳамин давраи соли гузашта 1,7 маротиба зиёд мебошад.

**Афзоиши ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина (млн. сомонӣ)**



***Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда.*** Дар семоҳаи сеюми соли 2022 як ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М" ба вуқуъ омад. Бояд қайд намуд, ки тибқи Ҳалномаи Суди иқтисодии вилояти Суғд аз 31 майи соли 2022 дар ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М" расмиёти барҳамдиҳии маҷбурӣ бе асосҳои муфлисшавӣ оғоз карда шуд, иҷозатномаи ташкилоти қарзии мазкур соли 2017 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо сабаби барҳамдиҳии ихтиёрӣ бозхонд карда шуда буд. Вобаста ба ин, Хазина пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони ташкилоти қарзии ҶСП ТАҚХ "Бунёд-М" пурра пардохт намуда, раванди пардохти ҷубронпулиро ба анҷом расонид.

Айни замон, раванди пардохти ҷубронпулӣ танҳо ба пасандоздорони суғурташудаи ҶСП "Кафолатбонк" тавассути бонк-агенти ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" идома дорад.

Инчунин, дар давраи баррасишаванда аз ҷониби пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" оид ба тамдиди мухлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" бо ариза ба Хазина муроҷиат карда шуд, ки аз тарафи Хазина ба пасандоздорони аризаашон қонеъкардашуда ба маблағи 138 576,4 сомонӣ ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳояшон пардохт карда шуд.

Дар маҷмуъ, аз соли 2016 то санаи 30.09.2022 сол Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи 210,8 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст.

**Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар солҳои 2016-2022 (адад)**

| Номгӯи ташкилоти қарзии барҳамхӯрда | Ба ҳолати 30.09.2021 | Ба ҳолати 30.09.2022 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 5 | 6 | +1 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 11 | 12 | +1 |
| **Ҳамагӣ** | **16** | **18** | **+2** |

***Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина***. Дар семоҳаи сеюми соли 2022 вобаста ба иҷрои ҳадафу вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, раванди мунтазам барқарорёбии афзоиши дороиҳои Хазина ба назар расид. Ба ҳолати 30 сентябри соли 2022 дороиҳои Хазина маблағи 152,0 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 9,7 фоиз зиёд мебошад. Зиёдшавии дороиҳои Хазина асосан бо пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина вобастагӣ дошт.

Аз ҷумла, дар семоҳаи сеюми соли равон маблағи пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина 6,7 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 18,2 фоиз афзудааст. Афзоиши мазкури пардохтҳои тақвимӣ асосан бо зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташавандаи ташкилотҳои қарзии амалкунанда вобаста аст.

Ба ҳолати 30 сентябри соли 2022 Хазина маблағҳои озоди худро танҳо ба коғазҳои қиматноки давлатӣ сармоягузорӣ карда, дар 4 музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фоизи даромаднокии 0,99 фоизи солона ғолиб омад. Даромади Хазина аз ҳисоби коғазҳои қиматнок дар ин давра 377,5 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,5 маротиба кам мебошад.

Андозаи ниҳоии маблағи Хазина бошад, ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, 2,3 фоизро ташкил намуд, ки он тибқи қонун дар ҳаҷми 7,0 фоизи ҳамаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ муқаррар карда шудааст.

**Суръати афзоиши дороиҳои Хазина (бо фоиз)**




**Андозаи ниҳоии маблағи Хазина (бо фоиз)**



***Фаъолияти ташвиқот ва робита бо ҷомеа.*** Таблиғот ва ташвиқоти аҳолӣ оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ яке аз вазифаҳои асосии Хазина ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Хазина дар давраи баррасишванда як қатор корҳои муҳим ба анҷом расонида шуд.

Хазина вобаста ба амал омадани ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина мунтазам маълумотҳоро дар телевизион, маҷаллаҳои даврӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаи Хазина ҷойгир намуд. Ҳамзамон, бо мақсади сари вақт хабардор намудани пасандоздорон оид ба раванди пардохти ҷубронпулӣ дар бонкҳои барҳамдодашуда дар сомонаи Хазина мунтазам маълумотҳои зарурӣ ҷойгир карда шуданд. Хазина дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти худро тибқи супоришу вазифаҳои ба зиммааш вогузоршуда сари вақт ва дар сатҳи баланд иҷро намудааст.

***Ҳамкориҳои байналмилалӣ.*** Хазина дар семоҳаи сеюми соли 2022 ҳамкориҳои судмандро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бахусус дар доираи Лоиҳаи "Барнома оид ба рушди бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ"-и Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ва Лоиҳаи нави "Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусии Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ" идома дод. Бояд қайд кард, ки лоиҳаҳои мазкур бо мақсади дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани ислоҳот дар самти таҳкими устувории низоми молиявӣ, тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва такмилдиҳии идоракунии бахши фискалӣ равона гардида, яке аз компонентҳои он бевосита бо тақвияти заминаи институтсионалии Хазина алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон, аз ҷониби Хазина дар якҷоягӣ бо коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" омода карда шуд, ки он масъалаи бо суғурта фарогирии пасандозҳои бонкии дигар субъектҳои иқтисодӣ, беҳтар намудани сармоягузорӣ ва устувории молиявии Хазинаро дарбар мегирад. Лоиҳаи қонуни мазкур бо Бонки миллии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, ба баррасии минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.